Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат

Дар шароити муосир соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, махсусан дар соҳаи сайёҳӣ иқтидорҳои иловагӣ барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буда, истифодаи оқилонаи он дар асоси таъмини шуғли ҳадди аксар метавонад рушди соҳаҳои хоҷагии халкро ба самти пешравии куллан нав барорад. Ҳамчунин, вобаста ба хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷараёни мақсаднокро ифода мекунад, ки дар он сифат ва қобилиятҳои меҳнатии одамон барои дастрасии мақсадҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои мухталиф, минтақаҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешавад. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои асосии таъминоти рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб мераванд.

Маҳз, сармояи инсонӣ асоси пешрафт аст, ки дар якҷоягӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ (IT) рушди устувори корхонаро таъмин мекунад. Дар чунин шароит сармояи инсонии дорои салоҳиятҳои рақамӣ қобилияти коркард ва таҳлили ҳаҷми бузурги маълумот омили муҳими афзалияти рақобат мегардад. Бо дарназардошти ин, корхонаҳо кӯшиш мекунанд, ки фаъолияти худро автоматӣ кунанд, дар раванди истеҳсолот ҳарчи бештар IT-ро ҷорӣ кунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ки даромадро афзоиш диҳанд, микёси фаъолияти худро зиёд кунанд, муштариёни навро ҷалб кунанд ва саҳми бозориро боз ҳам мустаҳкам кунанд. Таҳқиқотҳои солҳои охир ин падидаро тасдиқ мекунанд: роҳбарияти ширкатҳои муосир дар саросари ҷаҳон зарурати автоматикунонии равандҳои идоракунии кормандон, аз қабили баҳисобгирии кадрҳо ва пайгирии вақт, музди меҳнат ва пардохтҳои иловагӣ, банақшагирии бастҳои корӣ, рухсатӣ ва ғайраро дарк кардаанд.

Муаллиф дар кор, асосҳои методии таҳқиқотро дар асоси баҳодиҳии муқоисавӣ, омилӣ ва мантиқӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт, фарзияи илмӣ, таҳлил ва омӯзиш, усули индуксия ва дедуксия, назарсанҷӣ, таҳлили эмпирикӣ ва пешгӯикунӣ васеъ истифода намудааст.

Дар диссертатсия оид ба низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони меҳмонхона ҳамчун унсури муҳимтарини таъмини кадрӣ аз нигоҳи илмӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф зикр менамояд, ки дар ҷумҳурӣ ташаккули низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи сайёҳӣ, бахусус инфрасохтори он дар шароити рақамикунонӣ зарурати воқеӣ дорад. Дар автореферати диссертатсия тавсияҳо оид ба омодасозии кормандони дорои тафаккури рақамӣ, низоми рақамикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳо, баҳодиҳии

фаъолияти кормандон ҳангоми татбиқи фановариҳои рақамӣ дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе оварда шудааст

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо омӯзиши доираи васеи адабиёти мавзӯии ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи васеи воқеи ва оморӣ бо мақсади истифодабарӣ бо назардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст.

Дар қатори он муваффақиятҳои автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд ба монандӣ:

1. Дар автореферат муаллиф масоили омодасозии кормандон дар иқтисодиёти рақамиро дар расми 3 нишон додааст, аммо онҳоро тавсиф ё асоснок накардааст;
2. Ба андешаи муаллиф амсилаи иқтисодӣ - математикиро чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки ҳамаи омилҳои интихобшуда мувофиқ ва дар натиҷаи таҳлили васеъ ва саривақтии соҳа рӯйи кор омада, барои рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ, хусусан идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо ниҳоят муфид мебошанд, аммо баъзе он омилҳо ба пуррагӣ арзёбӣ нашудаанд.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» тибқи талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Дадоматов Д.Н.**

***Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям:***

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1, E-mail: dalerdn@mail.ru.
Тел:+992 (92) 856 66 65, Факс:+992 (34) 22 2 51 70